*Ба Шурои диссертатсионии*
*6D.КОА-063 дар назди Донишгоҳи байналмилалии*
*сайҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*( 734065,ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48\5)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. Иқтисодиёт (5.2.26. Маркетинг) пешниҳод гардидааст.**

Таҳлили мазмун ва мундариҷаи автореферат нишон медиҳад, ки мавзуи таҳқиқоти Комилова К.Н. дар шароити муосир, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти сохторӣ ва функсионалӣ рӯ ба рӯ аст, дорои аҳамияти хосаеро бархурдор мебошад.

Коҳиши саҳми бонкҳо дар маблағгузории иқтисодиёт, маҳдудияти захираҳои қарзӣ, сатҳи пасти эътимоди аҳолӣ ва рақобати нокифоя дар бозори бонкӣ зарурати татбиқи стратегияҳои нави маркетингиро дар ин бахш ба миён меоранд.

Дар чунин вазъият, таҳқиқоти Комилова К.Н., ки ба такмили стратегияи маркетингӣ, ҳамчун воситаи таъмини рақобатпазирӣ ва рушди устувории дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ нигаронида шудааст, саривақтӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад.

Автореферат тибқи талаботҳои муқаррааргардида тартиб дода шуда, аз муқаддима, тавсифи умумии кор, қисми асосӣ (ки мухтасари мазмуни се боби рисоларо дар бар мегирад), хулоса ва рӯйхати интишороти муаллиф иборат аст.

Ҳаҷм ва сохтори он ба меъёрҳои муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Забони баён равшан, дақиқ ва ба услуби илмӣ иншо шудааст.

Дар автореферат навгонии илмии таҳқиқот ба таври возеҳ муайян шудааст. Аз ҷумла, муаллиф мафҳуми стратегияи маркетингиро пешниҳод кардааст, ки онро метавон ҳамчун саҳми муайян дар рушди дастгоҳи консептуалии маркетинги бонкӣ, арзёбӣ намуд.

Таҳияи модели сесатҳаи стратегияи маркетингӣ барои низоми бонкӣ, ки дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияҳои соҳавӣ пешниҳод шудааст, аз ҷумлаи натиҷаҳои муҳими таҳқиқот ба шумор меравад. Инчунин, таъкид бояд кард, ки муаллиф на танҳо ҷанбаҳои назарияви ро таҳқиқ карда, балки дар асоси пурсишҳои сотсиологӣ ва таҳлили омории фаъолияти бонкҳо хулосаҳои амалӣ баровардааст, ки ин эътимоднокии натиҷаҳоро меафзояд.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, муаллиф маҷмӯи усулҳои муосири таҳқиқотро, аз ҷумла таҳлили иқтисодӣ-риёзӣ, усули гурӯҳбандии маълумот, таҳлили муқоисавӣ ва омилӣ, инчунин пурсиши муштариёни бонкҳоро васеъ истифода кардааст.

Истифодаи индекси Херфиндал-Хиршман барои арзёбии дараҷаи тамаркузи бозори бонкӣ аз ҷумлаи усулҳои самараноке мебошад, ки ба муаллиф имкон додааст, ки хусусияти олигополистии бозори бонкии Тоҷикистонро ба таври илмӣ асоснок намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат ба таври муфид ва дастрас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, муаллиф нишон додааст, ки танҳо баъзе аз бонкҳои тиҷоратии кишвар (ба мисли «Бонки Эсхата» ва «Бонки Арванд») стратегияи маркетингиро дар сатҳи баланд истифода мебаранд, дар ҳоле ки аксари бонкҳо аз усулҳои анъанавии маркетинг истифода мекунанд. Ин ҳолат боиси аз даст додани рақобатпазирӣ ва коҳиши эътимоди муштариён мегардад. Тавсияҳои амалии муаллиф, аз қабили гузариш ба модели ба муштарӣ нигаронидашуда, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва татбиқи маркетинги иҷтимоӣ-экологӣ, метавонад ба рушди бонкҳо ва беҳбуди фазои бонкии кишвар мусоидат намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва ҶДММ ТАҚХ «Стандарт молия» ҷорӣ шудаанд, ки ин далели эътимоднокии амалии тадқиқот мебошад.

Сарфи назар аз дастовардҳои арзишманди назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дар автореферат баъзе норасоиҳо дида мешаванд:

1. Дар бахши «Навгонии илмӣ» муаллиф чор банди асосиро пешкаш кардааст, аммо баъзеи онҳо, масалан, таҳияи модели ба муштарӣ нигаронидашуда дар матни автореферат ба таври зарурӣ муфассал инъикос наёфтаанд. Ин ҷанбаҳо васеътар шарҳ дода шавад, хуб мешуд.

2. Тавсияҳои пешниҳодшуда барои рушди бонкҳо бештар хусусияти умумӣ доранд. Агар, барои ҳар як гурӯҳи бонкҳо, вобаста ба сатҳи истифодаи стратегияи маркетингӣ, тавсияҳои фарқкунанда пешниҳод мегардид, натиҷаҳо боз ҳам муфид мебуд.

3. Дар автореферат ба масъалаи маҳдудиятҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар бонкҳои Тоҷикистон, масалан, сатҳи пасти суръати интернет ва маърифати молиявии аҳолӣ диққати кофӣ дода нашудааст.

Аммо дар умум, эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқот ва дастовардҳои асосии онро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса.** Дар маҷмӯъ, автореферати Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат ва диссертатсия дорои навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ мебошанд, ки дар он масъалаҳои мубрами маркетинги бонкӣ дар шароити муосири иқтисодии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ ва ҳалли худро ёфтаанд.

Аз ин рӯ, хулоса кардан мумкин аст, ки диссертант Комилова К.Н. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **5.2. Иқтисодиёт (5.2.26. Маркетинг)** сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Раиси Ассосиатсияи**
**бонкҳои Тоҷикистон,**
**н.и.и,** _______________ **Шарафов Ҷ. А.**

**Имзои н.и.и Шарафов Ҷ.А. ро тасдиқ менамоям.**

**Сармуҳосиби Ассосиатсияи**
**бонкҳои Тоҷикистон** **Додархоҷаева Г.Р**

**Суроға 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. х 100.**
**Тел: (+992) 915-84-5555, +992 446007011**
**“10” августи соли 2026**